Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», доктори илмҳои таърих, профессор ________ Усмонзода А.И.
«__» ____________2024 с.

## ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Абдуғафури Сафар дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулони (*Lamiaceae* Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03. 02. 01 – Ботаника пешниҳод шудааст.

Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии Абдуғафури Сафар, ки ба омӯзиши гуногунии биологии оилаи лабгулон – *Lamiaceae* Mart. бахшида шудааст, ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 03. 02. 01 – Ботаника: *банди* 1 – «Масъалаҳои назариявӣ пайдоиш ва инкишофи олами наботот, гуногунӣ, таснифот ва номгӯи гурӯҳҳои гуногуни растаниҳо ва оилаи растаниҳо, *банди* 4 – «Масъалаҳои назариявӣ ва амалии паҳншавии географии растаниҳо, вижагиҳои паҳншавии муосир ва гузаштаи намудҳои растаниҳо ва наботот, ноҳиябандӣ ва харитакунонии растаниҳо ҳамчун яке аз захираҳои таҷдидшаванда, *банди* 6 – «Сохтор ва раванди пӯшиш ба қисмҳои таркибии он – фитосенозҳо, бо мақсади таносуби идораи маҳсулнокии онҳо, ташкили фитосенозҳои сунъии растаниҳо бо вижагиҳои муайяни судовар (фитосенология ва геоботаника), *банди* 10 – « Масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи растаниҳо, пеш аз ҳама, захираҳои набототи табиӣ бо мақсадҳои амалӣ (доругӣ, ғизоӣ, техникӣ, хӯроки чорво, обёрикунӣ, ороишӣ ва ғайра) мутобиқат дорад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи таҳқиқоти илмӣ.** Мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудаи Абдуғафури Сафар бо он асоснок карда мешавад, ки дар шароити кӯҳистони Тоҷикистон фаъолияти 75%-и аҳолӣ ва сатҳи зиндагии онҳо ба истифодаи сарватҳои биологӣ, алалхусус ба растаниҳо вобаста аст. Аз ин лиҳоз омӯзиш, баҳодиҳӣ ва зарурати нигоҳдошти гуногунии биологӣ хеле мубрам мебошад. Аз ин рӯ омӯзиши оилаи *Lamiaceae* Mart., ки яке аз оилаҳои калони флораи Тоҷикистон ба шумор меравад ва дар таркибаш растаниҳои гуногуни фоиданок (30 намуд

равғани эфирдор, 21 намуд - доруворӣ, 14 намуд – асаловар, 5 намуд ороишӣ ва 25 намуд хӯроки чорво ) доранд, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Муаллифи диссертатсия максади таҳқиқот ва вазифаҳои онро дуруст муайян намуда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ ба ҳаллу фасли проблемаҳои муҳим ба монанди: муайян кардани гуногунии намудҳои оилаи лабгулон дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор; омӯзиши хусусиятҳои фитосенологӣ ва захираҳои табиӣ *Nepeta cataria* L., *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Origonum tythanthum* Gontsch., *Hyssopus seravschanica* Pazij бо мақсади пешниҳод намудани онҳо барои истифодабарӣ дар саноати дорусозӣ сару кор гирифтааст.

Бояд икрор шуд, ки довталаб дар ҳалли ин проблема ва вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштааш ноил ва комёб шудааст.

Таҳлилу баррасии натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқот ва корҳои амалӣ бадастовардан унвонҷӯ Абдуғафури Сафар аз он далолат медиҳанд, ки вазифаҳои аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтааст.

Дар боби якуми диссертатсия шароити табиӣ ва ҷуғрофии минтақаи омӯзиш (релеф, сохти геологӣ, иқлим, гидрография, хокҳо ва олами набототот), инчунин, маводҳо ва усулҳои таҳқиқот маълумотҳо дода шудааст.

Боби дуюми рисола ба гуногунии оилаи лабгулон ва таърихи омӯзиши онҳо бахшида шудааст. Муайян карда шудааст, ки дар ноҳияи таҳқиқот 74 намуди оилаи лабгулон мавҷуд буда, онҳо мансуби 33 авлод мебошанд. Дар диссертатсия барои хар як намуд тавсифи биологӣ, экологӣ ва қисман маводҳо оиди паҳншавӣ ва аҳамияти хоҷагии онҳо оварда шудааст.

Боби сеюми рисола аз се зербоб иборат буда, дар зербоби якум: ба таҳлили систематикӣ, экологӣ, муқоисавӣ ва биоморфологии намудҳои оилаи лабгулони ноҳияи таҳқиқот бахшида шудааст; дар зербоби дуюм оид ба хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулон сухан меравад, дар зербоби сеюм бошад – тавсифи фитосенологии баъзе намудҳои доминантӣ (Tymus seravschanica Klok., Nepeta formosa Kudr., Origanum tythanthum Gontscn., Salvia sclaca L., Nereta podastachys L.) ва маводҳо оиди захираҳои онҳо оварда шудааст. Боби чоруми рисола ба дурнамаи истифодаи захираҳои намояндаҳои оилаи мазкур ва роҳҳои ҳифзи онҳо бахшида шудааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ: навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии таҳкиикоти диссертатсионӣ**. Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир

мешавад, ки муаллифи кори таҳқиқотӣ бори аввал таркиби таксономии оилаи лабгулони қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисорро муайян намуда дар он 74 намуд намояндаҳои оиларо муайян намуд, ки онҳо ба 33 авлод тааллуқ доранд. Дар байни онҳо 10 намудаш эндемикҳо мебошанд ва 2 намудаш ҳамчун растаниҳои ноёб ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудааст. Инчунин, бори аввал, сохтори фитосенологии ин намудҳо таҳлил ва якчанд намудҳои доминантӣ аз ҷиҳати фитосенотикӣ тавсиф карда шудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми омӯзиши оилаи лабгулони флораи Тоҷикистон метавон истифода бурд. Таҳлили хусусиятҳои фитосенологии намудҳои доминантии оила (Tymus seravschanica Klok., Nepeta formosa Kudr., Origanum tythanthum Gontscn., Salvia sclarea L., Nereta podastachys L.) ва захираҳои он имконият медиҳад, ки онҳоро ҳамчун намудҳои нафъовар барои истифода дар соҳаи тиб тавсия карда шавад. Ғайр аз ин, натиҷаҳои рисола оид ба тавсифи гуногунии биологии лабгулон барои мактабҳои олӣ дар тайёр кардани курсҳои лексионӣ ва гузаронидани дарсҳои амалӣ аз фанҳои систематикаи растаниҳо, захирашиносӣ, фитосенология ва курсҳои махсус тавсия карда мешавад.

**Дараҷаи асоснокунии нуқтаҳои илмӣ**. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба истифодаи усулҳои замонавӣ ва маъмулии геоботаникии Руссия ва Тоҷикистон, гузориши нуқтаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байнидонишгоҳӣ дар институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ (2018, 2019), дар конфронсҳои кормандон ва ҳайати профессорону омӯзгорони ДМТ (2018, 2019, 2020, 2021, 2022), интишорот вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд.

**Баҳогузории ягонагии дохилии натиҷаҳои бадастомада**. Ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот таъмин намудаанд.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзоди илм ва доктори илм, автореферат тахия шуда, мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, мухтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти

гузаронидашуда ва натичаҳои бадастовардаи муаллиф инъикос мекунад. Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ба табъ расондани унвончӯ муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро фаро мегиранд.

Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таркиб намудани натичаҳои таҳқиқот аст. Асосҳои таҳқиқот ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотии корҳои анчомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот ба талабот чавобгӯ мебошанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ**. Дар баробари дастовардҳои муҳими зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз камбидиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз чумла:

1. Бисёр хуб мебуд, агар такроршавии тавсифи биологӣ, фитосенологӣ ва рӯйхати растаниҳои оилаи лабгулоне, ки дар қисмҳои гуногуни ноҳияи таҳқиқот вомехӯранд, инчунин, хусусиятҳои физикӣ ва географии ин ноҳия чанде кам карда шаванд.

2. Муаллифи диссертатсия дар кори худ бисёр адабиётҳои олимони Руссияро истифода кардааст, ки маълумотҳои дар онҳо овардашуда асосан дар шароити Сибир гузаронида шудааст ва намояндаҳои оилаи лабгулни ноҳияи таҳқиқотиро дуруст ифода карда наметавонад. Адабиётҳои илмии олимони Осиёи Миёнае, ки ба ин соҳа бахшида шудааст, аз тарафи муаллиф беҳад кам истифода бурда шудааст. Хуб мешуд, ки агар дар диссертатсия низ асарҳои олимони точик ва Осиёи Миёна оид ба мавзуи мазкур васеътар таҳлил мегардид.

3. Иқтибосҳое, ки дар диссертатсия оварда шудааст, бисёр вақт мазмуни матнро дуруст ифода карда наметованад. Аз ин лиҳоз, бори дигар дида баромадан ва чо-ба чо истифода бурдани онҳо – яке аз муҳимтарин вазифаи муаллиф мебошад.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат ғалатҳои грамматикӣ, имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани муқаррароти қоидаҳои ба тозагӣ ба тасвиб расидаи имлои забони точикӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ислоҳпазир аст ва ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳалал ворид намесозанд.

# ХУЛОСА

Диссертатсияи Абдуғафури Сафар дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулони (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои биологӣ, дотсент Тӯрақулов Исоқул мураттаб шудааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи ботаника ва физиологияи растаниҳо, факултети биология ва химия Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, протоколи №9 аз 2.05.2024 баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст.

Раиси ҷаласаи васеи кафедраи ботаника ва физиологияи растаниҳо, мудири кафедра, номзади илмҳои биологӣ, дотсент — Ҳомидов Ё. Р.

Коршиноси таҳқиқоти диссертатсионӣ, дотсенти кафедраи ботаника ва физиологияи растаниҳо, номзади илмҳои биологӣ — Тӯрақулов И.

Коргузор ҷаласаи васеи кафедраи ботаника ва физиологияи растаниҳо — Далобоева М.

Имзои Ё. Р. Ҳомидов, Тӯрақулов И. ва М. Далобоева - ро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров: — Ҳусенова З.С.

Суроғаи муассиса:
735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тетефон (83422) 6-52-73
Факс: (83422) 6-75-18
E-mail: rector@hgu.tj

14. 05. 2024